# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

## Дар бораи Номгӯйи соҳаҳои афзалиятноке, ки ба онҳо имтиёзҳои андозӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои иловагӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд

Мутобиқи қисми 6 моддаи 32 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Номгӯйи соҳаҳои афзалиятноке, ки ба онҳо имтиёзҳои андозӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои иловагӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Амалисозии Номгӯйи мазкур бо дарназардошти зерсоҳаҳои Таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба роҳ монда шавад.

3. Мақомоти ваколатдор дар соҳаи кишоварзӣ, саноат, энергетика, нақлиёт, алоқа, маориф ва тандурустӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дахлдори дигар, новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ:

- барои амалигардонии Номгӯйи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд;

- ҳамасола то 15 декабри соли ҳисоботӣ вобаста ба рафти амалисозии Номгӯйи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур намоянд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе,

аз 31 октябри соли 2022, № 535

Замима

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 31 октябри соли 2022, № 535

## Номгӯйи соҳаҳои афзалиятноке, ки ба онҳо имтиёзҳои андозӣ мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имтиёзҳои иловагӣ мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дода мешаванд

| **Рамзи** | **ТУНФИ Номгӯйи гурӯҳҳои Таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ** |
|---|---|
| **A** | Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳидорӣ |
| **B** | Саноати истихроҷи маъдан |
| **C,** | аз ҷумла: Саноати коркард |
| **CA** | Истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории (аз ҷумла нӯшокӣ, ба истисноги нӯшокиҳои спиртӣ) |
| **CB** | Саноати бофандагӣ; истеҳсоли либос ва пойафзол, чарм ва маҳсулотҳои чармии дигар |
| **CD** | Истеҳсоли кокс ва маҳсулоти тозакардашуда нафтӣ |
| **CE** | Истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ |
| **CF** | Истеҳсоли маҳсулоти дорусозӣ |
| **CG** | Истеҳсоли маҳсулоти резинӣ ва пластикӣ, маҳсулотҳои ғайриметаллии минералии дигар |
| **CI** | Истеҳсоли компютерҳо, таҷҳизоти электронӣ ва оптикӣ |

| | |
|---|---|
| **CJ** | Истеҳсоли таҷҳизоти барқӣ |
| **CK** | Истеҳсоли мошинҳо ва таҷҳизот, ки ба дигар гурӯҳҳо дохил карда нашудаанд |
| **CL** | Истеҳсоли воситаҳои нақлиёт |
| **CM** | Истеҳсолоти дигар, таъмир ва васлкунии мошинҳо ва таҷҳизот |
| **D** | Таъмини неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво |
| **I** | Фаъолияти меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо |
| **J**, | аз ҷумла Иттилоот ва алоқа |
| **JB** | Алоқа |
| **JC** | Фаъолияти хизматрасонии компютерӣ ва иттилоотӣ |
| **M**, | аз ҷумла Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ |
| **P** | Маориф |
| **Q** | Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |

---

**Эзоҳ**:

1) Номгӯйи мазкур муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, аз ҷумла қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли дахлдори молиявӣ танзим наменамояд;

2) дар ҳолати манзур гардидани асосноккунии мушаххас пешниҳоди имтиёз ба соҳаҳое дигаре, ки Номгӯйи мазкур фаро нагирифтааст, иҷозат дода мешавад.